***Рустамов Суҳроб,***
*коршиноси масоили сиёсӣ*

# АСЛИ ВОҚЕА МАЪНОИ ДУРӮҒУ ТУҲМАТРО НАДОРАД

Дар ҷаҳони муосир иттилоот муҳимтарин ҷузъи зиндагии инсонҳо ба ҳисоб меравад. Имрӯз ҳазорон шабакаҳои иттилоотӣ чӣ хусусӣ ва чӣ давлатӣ ташкил дода шудааст. Зеро дар сония млн иттилоот раду бадал мешавад.

Мавриди зикр аст, ки ҳаракатҳои террористӣ-экстремистӣ низ барои паҳн кардани идеологияи ғаразноки худ ва гумроҳ кардани мардум аз ин имконият истифода намуда, сомонаҳои иттилоотӣ таъсис додаанд. Аз ҷумлаи чунин ташкилотҳои террористӣ-экстремистӣ ТТЭ ҲНИ мебошад, ки баъди фирор ба Аврупо сомонаҳои хабаррасонӣ ташкил карда, маводҳои иғвогарона ва зидди давлатӣ ба нашр мерасонанд. Ҳамчунин, аз ҷинояткорон, ифротгароён ва террористҳо ҳимоят намуда, бо мақолаҳои иғвогарона ва сафедкунии дурӯғин мехоҳанд аз чанд ҷинояткору террорист қаҳрамон бисозанд.

Бояд тазаккур дод, ки яке аз сомонаҳои марбут ба ТТЭ ҲНИ “Восток.нюз” мебошад, ки пайваста аз афроди ҷиноятпеша ва ифротӣ ҳимоя менамояд. Инчунин бо мақолаҳои иғвогарона ва пур аз туҳмату бӯҳтон мехоҳад ба мафкураи мардум таъсир расонида, ҷинояткорон ва ифротиҳоро ҳамчун ҳомии озодӣ, қаҳрамон ва фидокор дар чашми омма муаррифӣ намояд. Маълум аст, ки муфтхурони наҳзатӣ аҳли эҷоду созандагӣ нестанд. Ҳеҷ барномаи созандае надошта, бадтар аз он, ягон нияти неке нисбати Тоҷикистони азизи мо надорад. Аз кадом гурӯҳи манфиатҷӯи хориҷӣ пул гирифта, шабу рӯз дар хизмати онҳо ҳастанд. Ҳадафи аслии наҳзатиҳо бо гузоштани номи нав ба ташкилоташон ҳам тағйир наёфтааст. Онҳо орзу доранд боз ҳам ҷангро ба роҳ монда, фарҳангиёну донишмандони миллати тоҷикро несту нобуд созанд ва ба мисли солҳои қаблӣ дороии мардумро ғорат кунанд. Ҳарчанд ин ниятҳои худро ба забон намеоранд, вале амалҳои тахрибкоронаи онҳо дар даврони истиқлолият тамоми ниятҳои бади онҳоро ошкор месозад.

Хулоса, наҳзатиёни ҳеҷбуда, дар кишварҳои Аврупо низ сохтану эҷод карданро ёд нагирифтаанд. Онҳо ҳамон ҳиллаву найранг ва мардумфиребии худро ба фазои маҷозӣ гузаронида, ба тафриқаандозӣ машғул ҳастанд. Ба ҷойи аз имкониятҳо истифода карда, донишу ҳунари ғарбиҳоро аз худ кардан, ин ифротиҳои муфтхӯр аз гуруҳҳои манфиатталаби байналмилалӣ маблағу супориш гирифта, бар зидди манфиатҳои мардуми мо мубориза бурда истодаанд. Албатта, ин фаъолияти онҳо самара нахоҳад дод. Чунки мардуми бономуси тоҷик зери раҳбарии ҳукумати интихобкардаи худ ба созандагӣ машғул аст, ки ин боиси боз ҳам қавитар шудани давлати мо гаштааст. Кишвари мо дигар метавонад худро аз шарри наҳзатиён ва хоҷагони хориҷии онҳо ҳифз кунад. Мо метавонем!

https://www.facebook.com/share/p/1H4mxQD4sv/